Тасдиқ менамоям,
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
роҳбари Гурӯҳи корӣ

_____________Солеҳзода А. А.

“29” сентябри соли 2022

# ПРОТОКОЛИ №08
## ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии чараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар соли 2022 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 29 сентябри соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (руйхат пешниҳод мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, маориф ва илм, нақлиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ».

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 1 апрели соли 2017, №158);

2.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи рушди соҳаи қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №118);

3. Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои«Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат барои солҳои 2021-2023» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2021, №361).

Бо сабаби бемор будани Роҳбари Гурӯҳи корӣ, муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода А. А. ҷаласаро Сардори сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Мадҷон ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи он шинос намуданд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» Умеда Абдуллозода-Муовини Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Барнома ба татбиқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бартараф намудани нобаробарии гендерӣ мувофиқи принсипҳо ва самтҳои Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон, Эъломияи Пекин ва Барномаи амали он, Ҳадафҳои Рушди Устувор ва иҷрои дигар мақсаду вазифаҳои дорои хусусиятҳои гендерӣ нигаронида шудааст.

Мақсади Барнома ин пеш аз ҳама амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти таъмини ҳуқуқҳо ва имкониятҳо доир ба тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи кишвар аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд, таъмини дастрасии занону духтарон ба хизмати давлатӣ, таъмини ҳуқуқи баробари мардон ва занон ҳангоми пешниҳод ва таъин намудан ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби бештари духтарон ба таҳсил дар зинаи сеюми таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва омода намудани кадрҳои ҷавон аз ҳисоби донишҷӯдухтарон мебошад.

Барои иҷрои Барномаи мазкур аз буҷети ҷумҳуриявӣ 486 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шуда, иҷрои он дар солҳои 2017-2021 400 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба иҷрои накшаи он 82,3 фоизро ташкил додааст. Дар ҳашт моҳи соли 2022 ба маблағи 64,5 ҳазор сомнӣ корҳо иҷро шудааст, ки ин 75 фоизи иҷрои накшаи соли 2022-ро ташкил медиҳад. Умуман иҷрои Барнома дар солҳои 2017-2021 ва дар ҳашт моҳи соли 2022 бо маблағи 464,5 ҳазор сомонӣ корҳо анҷом дода шудааст, ки ин нисбат ба накшаи Барнома 95,6 фоизро ташкил медиҳад.

Оид ба масъалаи мазкур Мадҷон М, Одиназода М, Бозиев К ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Роҷеъ ба масъалаи дуюм оид ба чараёни иҷрои «Барномаи рушди соҳаи қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №118 тасдиқ шудааст, Солеҳзода Умед-Муовини вазири саноат ва технологияҳои нав гузориш манзур намуд.

Мақсади асосии Барномаи мазкур ин фароҳам овардани шароит ва замина барои рушди босуботи соҳаи қолибофӣ, мунтазам афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли қолин, тақвияти иқтидори содироти маҳсулоти тайёр, таъмини шуғли аҳолӣ, таҳияи механизмҳои иқтисодӣ ва омилҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби сармоягузориҳо бевосита ба ҳисоб меравад.

Айни ҳол, дар ҷумҳурӣ 5 корхонаи қолинбофӣ кору фаъолият намуда, иқтидорӣ лоиҳавии солонаи истеҳсоли онҳо 8700 ҳазор $м^2$ ба накша гирифта шудааст. Дар моҳҳои январ-августи соли 2022 истеҳсоли қолин 4824 ҳазор $м^2$ буда, нисбат ба ҳамин давраи соли сипаригардида 1,5 баробар зиёд ва нисбат ба иҷрои накшаи Барнома 55,4 фоизро ташкил додааст. Иҷрои нишондиҳандаи дурнамои Барнома дар моҳҳои январ-августи соли 2022 5101,7 ҳазор $м^2$ қолин истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 15,8 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки ҳисобот бо назардошти ҷадвали ҷамъбастии корхонаҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба иҷрои маблағгузории онҳо тибқи иҷрои накшаи барнома таҳлил гардида, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда шавад.

Оид ба масъалаи мазкур М. Мадҷон, Аҳадзода Б, Файзуллозода Ф.В. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Тибқи рузномаи ҷаласа вобаста ба «Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат барои солҳои 2021-2023», ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2021, №361 тасдиқ шудааст оид ба мониторинг ва арзёбии он Пиров Абубакр сардори Раёсати технологияи нав гузориш манзур намуд.

Барномаи мазкур аз 22 банд иборат буда, иҷрои он дар ҳашт моҳи соли 2022 56,9 фоизро ташкил додааст.

Кайд гардид, ки оид ба иҷрои Барномаи мазкур ҳисоботро пурра намуда (ҳадафу натиҷаҳо, мушкилотҳо ва пешниҳодҳо барои ҳалли он) он иловатан пешниҳод карда шавад.

Дар охири ҷаласа бо дарназардошти қайдҳои боло чунин қарор қабул карда шуд:

1. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи иҷрои « Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022»-ро бо дарназардошти эроду пешниҳодҳо такмил дода, то 5 октябри соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

2. Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (Файзуллозода Ф.) қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2017, №158-ро мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои он гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 16 октябри соли 2022 пешниҳод намояд.

3. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни татбиқи «Барномаи рушди соҳаи қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва «Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат барои солҳои 2021-2023» бо назардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 5 октябри соли 2022 гузоришро такмил дода, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст манзур намояд;

4. Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт (Аҳадзода Б.) барномаҳои дар банди 3 қайдшударо мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои онҳо гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 16 октябри соли 2022 пешниҳод намояд.

Котиби масъул — Ҳ. Мавлонова